**Тақриз**
**ба автореферати Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи «Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Дар замони соҳибистиқлолӣ тамоми самту соҳаҳои мухталифи илм, ки дар муаррифии кишвари маҳбуби мо ҳиссае доранд, ба фикри инҷониб, актуалӣ арзёбӣ мегарданд. Махсусан, омӯзиши номвожаҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ дар солҳои охир бисёр муҳим баҳогузорӣ шуда, таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷикро зиёд ба худ ҷалб намуда истодааст. Бояд тазаккур дод, ки омӯзиши ин мавзуъ ба бисёр масъалаҳои номафҳуму ноҳалли таърихӣ, ҷуғрофӣ ва фарҳангиву мадании миллати мо равшанӣ меандозад, аз ҷониби дигар, ба мавзуъҳои баҳсноки интисобӣ ва мансубияти маҳалҳои таърихии кишвари мо ҷавоби раднопазир медиҳад.

Аз ин рӯ, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани топонимияи осори классикии мо шоёни тақдир буда, аз проблемаҳои ноҳалли илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад.

Муаллифи диссертатсия хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандиро ба риштаи таҳқиқ кашида, дар доираи ду бобу даҳ фасл ва 15 зерфасл мавзуъро баррасӣ намудааст.

Дар қисмати **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии муаллифи диссертатсия мушаххас шудаанд. Ҳамчунин, сарчашмашиносӣ ва методологияи пажуҳиш, арзишҳои назариву амалӣ, навгониҳои илмӣ ва масъалаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршаванда шарҳу тафсир ёфта, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар боби якуми рисола, ки **«Таҳқиқи хусусиятҳои вожагонии топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** ном гирифтааст, муаллиф дар ҳашт фасли ин боб ба масъалаҳои мухталифи томонимии асар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, махсусан ба таҳлили лексикию семантикии топонимҳои асар, мавқеи истифодаи ойконимҳо дар «Тазкират-уш-шуаро», корбурди гидронимҳо ва мавқеи истифодабарии оронимҳо дар асар, дромонимия ва истифодаи он дар тазкира, мавқеи

истифодабарии антропотопонимҳо ва этнотопонимҳо дар асар пардохта, ба забони равону услуби хуби илмӣ мавзуъро ҳаллу фасл намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Баромади забонӣ ва сохтори морфологии топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** унвон гирифта, аз ду фаслу панҷ зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф дар бораи топонимия ва микротопонимияҳои эрониасл, топонимҳои иқтибосии арабӣ, топонимҳои иқтибосии туркӣ ва муғулӣ дар тазкира маълумот дода, сохтори морфологии топонимҳо таҳлилу баррасӣ мегарданд.

Аз таҳлили топонимҳои асар ва баррасии илмии мавзуъ муаллиф ба хулоса омадааст, ки номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ ба ташаккули вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ ва муносиботи таърихии халқҳои ҳамҷавор робитаи қавӣ дошта, инъикосгари давраҳои мухталифи таърихӣ мебошад. Чун «номвожаҳои ҷуғрофии ин ё он маҳал ва ё минтақа бо амри тасодуф ва худ ба худ пайдо нашудаанд, балки заминае ва ё сабабе дар пайдоишу ташаккули ҳар як номи мавзеъ мавҷуд аст» (саҳ.30), омӯхтану ба нафъи насли имрӯзи тоҷик истифода бурдани ин номвожаҳо аз муҳимтарин вазифае мебошад, ки забоншиносони муосири мо бар дӯш доранд. Аз ин ҷиҳат, мавзуе, ки Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович таҳқиқ намуда, ба ҳимоя пешниҳод намудааст, аз ҳама ҷиҳат ҷолиб буда, сазовори қадрдонӣ мебошад.

Новобаста аз он ки автореферати диссертатсия ба ҳама талаботи сохториву илмӣ ҷавобгӯ мебошад, барои баланд бардоштани сифати кор лозим мешуморем, то диссертант ба чанд эроди зер таваҷҷуҳ намояд:

1. Муаллифи диссертатсия дар муқаддимаи автореферат дар бораи тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ ва хусусиятҳои ин асар муфассалтар маълумот медиҳад. Чун ин қисмати масъала кайҳо аз ҷониби адабиётшиносони шинохтаи тоҷик таҳқиқ гардидааст, зарурияти такрори он зиёдатӣ ба назар мерасад.
2. Дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» муаллиф бештар ба масъалаи таърихи омӯзиши илми ономастика диққат дода, дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқнамудаи худ чизе намегӯяд.
3. Баъзе истилоҳоти илмӣ дар автореферат дар ду шакли навишт омадаастанд, барои мисол, дромонимҳо-дремонимҳо (саҳ.20) ва ғ.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтори

топонимияи «Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дониста шавад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**декани факултаи филологияи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ**
**ба номи М.Назаршоев** **Холиқназарова Сакина Хуҷаназаровна**

**Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Карамшо 68**
**Тел.: +992 931569025**
**E-mail: sakina_83@mail.ru**
**«13» марти соли 2024**

**Имзои Холиқназарова Сакинаро тасдиқ мекунам**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии**
**Хоруғ ба номи М.Назаршоев** **Саидраҳмонов Насим**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға: 736000, шаҳри Хоруғ,**
**кӯчаи Ш.Шоҳтемур 60**
**тел: +992 501334725**
**E-mail: https://www.khogu.tj**
**«13» марти соли 2024**